ISSN 0235-0041

# АХБОРОТИ
# АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН

# ИЗВЕСТИЯ
# АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКСКОЙ ССР

**СЕРИЯИ**
**ШАРҚШИНОСӢ, ТАЪРИХ,**
**Филология**

**СЕРИЯ:**
**ВОСТОКОВЕДЕНИЕ, ИСТОРИЯ,**
**Филология**

**1986 - 3**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКСКОЙ ССР,**
**СЕРИЯ: ВОСТОКОВЕДЕНИЕ, ИСТОРИЯ, ФИЛОЛОГИЯ, № 3 (3), 1986 г.**

## ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

**Р. МУСУЛМОНКУЛОВ**

# МЕЪЁРИ ТАЪРИФИ ШЕЪР ДАР АСРҲОИ МИЁНА

Таърифи шеър, ки на танҳо дар таърихи тамаддуни шарқи асрҳои миёна мавқеи ба назар намоёне дорад, балки нишони барҷастаи камолоти он низ ҳисоб меёбад, ҳануз дар асри гузашта диққати донишмандони аврупоиро ҷалб намуда буд. Вале ба ин масъала академик И. Ю. Крачковский эътибори ҷиддӣ дод ва дар ду асари худ - “Поэзия по определению арабских критиков”[1] (1910) ва «Арабская поэтика в IX в.».[2] (1927) муфассалан тавaққуф карда, дар таълифоти дигари худ низ, аз ҷумла дар мақолаи “Риторика Кудамы ибн Джа'фара”[3] (1929) дахл кардааст.

Баъди муддати мадиде назари донишмандони асрҳои миёна оид ба чигунагии шеър боиси таваҷҷуҳи донишмандони муосири тоҷик гардид. Агар саҳв нашавад, бори аввал солҳои шастум проф. Ш. Ҳусейнзода таърифи Абуали ибни Синоро оид ба шеър дар як маҷлиси илмии факултети филологияи точики Университети давлатии ба В.И. Ленини Тоҷикистон тафсир дода, минбаъд дар баъзе навиштаҳои худ ба он дахл кардаанд. Роҷеъ ба масъалаи мавриди назар махсусан хизматҳои Абдунабӣ Сатторов[4] ва Худоӣ Шарифов[5] хеле калон мебошад. Инон дар як қатор мақолаҳои илмию оммавии худ ақидаҳои

---

[1] Ниг.: Крачковский И.Ю. Избр. соч. т. 2. - М. - Л. Изд-во АН СССР, 1956, с. 52-62.

[2] Ниг.: Ҳамон ҷо, с. 360-372.

[3] Ниг.: Ҳамон ҷо, с. 373-387.

[4] Аз ҷумла ниг.: Саттаров А. “Поэтика Аристотеля на Востоке”. (К проблемам взаимосвязей художественной мысли Востока и Запада). - Мушкилоти Сино. (Мероси адабӣ, анъана ва алоқа). - Душанбе: УДТ, 1980, с. 132-142; Боз: Восточные перипатетики о сущности поэзии, ее роли и основных элементах. - Мушкилоти Сино, с. 143-172; Боз: Методологические аспекты сравнительно-типологического изучения художественной мысли Востока и Запада. - Актуальные проблемы философской и и общественной мысли зарубежного Востока. (Материалы Первого Всесоюзного координационного совещания). Душанбе: Дониш, 1983, с. 138-143.

[5] Аз ҷумла ниг.: Шарифов Х. Ибни Сино дар бораи муносибати мантиқ ва шеър. - Маҷмуаи филологӣ. Мақолаҳои аспирантҳои факултети филология. - Душанбе: УДТ, 1970, с. 3-7; Боз: “Поэтика”-и Арасту дар Шарқ. - Маориф ва маданият, 1971, 15 май; Боз (ҳамроҳи Ҳусейнзода): Шайхурраис ва фаҳмиши шеър. - Маориф ва маданият, 1980, 23 октябр.

муҳаққиқони асрҳои миёнаро таҳлил намудаанд. Диссертатсияи духтурии А. Сатторов, махсусан мақолаи нави у «Логические и риторические аспекты теории поэзии у восточных перипатетиков»[6] арзиши намоён доранд. Аз муваффақиятҳои навтарини адабиётшиносон - интишори маҷмуаи панҷ рисолаи шеършиносист, ки дар таҳияи он хизмати Х. Шарифов бузург аст.[7]

Дар тадқиқи баъзе ҷабҳаҳои масъалаи мазкур рафиқон С. Воҳидов[8] ва М. Шарифов[9] низ дахл карда,[10] лоиқи ҳоли худ ҳисса гузоштаанд.

Ҳам акад. И. Ю. Крачковский,[11] ҳам баъзе муҳаққиқони дигари минбаъда[12] қайд кардаанд, ки дар осори донишмандони асрҳои миёнаи араб ва тоҷику форс асосан[13] ду таърифи шеър мавҷуд мебошад, ки мухолифи ҳамдигар қарор гирифтаанд. Ҳамон навъе ки ҳануз И.Ю. Крачковский нишон додааст, як таъриф ба файласуфҳо тааллуқ дорад, дигаре ба назариячиёни адабиёт. Бояд огоҳ кард, ки дар айни замон ба масъалаҳои муаллифони таърифҳо, сарчашмаю таҳаввул, сайри такомулот ва инқирози онҳо дахле накарда, танҳо роҷеъ ба тафовути ин ду назария ва бештар сабаби тафовут таваққуф хоҳад шуд.

---

[6] Ниг.: Проблемаҳои актуалии филологияи эронӣ (Материалҳои ҳаштумин конференсияи илмии умумииттифоқӣ). - Душанбе: Дониш, 1985, с. 322-327.

[7] Аристотел, Форобӣ, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насириддини Тусӣ. Фанни шеър (Доир ба санъати шеърӣ). Танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Ш. Ҳусейнзода, Х. Шарифов. - Душанбе: Ирфон, 1985.

[8] Воҳидов С. Шеър аз назари Муҳаммад Авфӣ. - Маориф ва маданият, 1973, 5 июл; Боз: Назаре ба афкори адабии муҳаммад Авфӣ. - Образ ва маҳорати бадеӣ (Масъалаҳои адабиёти классикии тоҷик). - Душанбе: УДТ, 198, с. 39-48.

[9] Шарифов М. Таърифи шеър аз назари Шамси Қайси Розӣ. - Материалы Республиканской научно-практической конференции молодых ученых и специалистов, посвященной 60-летию образования Таджикской ССР и Компартии Таджикистана (Общественные науки). - Душанбе, 1985, с. 38.

[10] Бояд гуфт, ки обзор мухтасар буда, таърихи таҳаввули тадқиқи таърифи шеър мавзуи як кори мустақилона қарор гирфита метавонад.

[11] Ниг.: Крачковский И.Ю. Поэзия по определению арабских критиков, с. 55-62; “Риторика” Кудамы ибн Джа’фара, с. 373, 386-387.

[12] Аз ҷумла ниг.: Р. Мусульманкулов. О Кашифи и его теоретическом трактате. - Архив Ориентални (Прага), 1977, № 2 (45), с. 143-144; Боз: ‘Атауллах-и Махмуд-и Хусайни и вопросы таджикско-персидской классической поэтики. - Автореферат дисс. на соискание учен. ст. докт. фил. наук. - Душанбе, 1980, с. 9-14.

[13] Гап сари ин аст, ки гоҳе муҳаққиқон дар дохили як равия чанж навъи таърифро мушоҳида кардаанд. Масалан, И.Ю. Крачковский дар таърифи назариячиёни адабиёт ду навъро дидааст (Поэзия по определению арабских критиков, с. 57-58), А. Сатторов дар асри XV ҷамъ чаҳор таърифро пай бурдааст.

Дар маркази таърифи мантиқиён (ё худ файласуфҳо) тахайюл меистад.[14] Масалан, Ибни Сино борҳо ин маъниро таъкид кардааст, чунончи: «Шеър суханест хаёлангез». Боз: «Вале мантиқиро ба як аз вазну баробари ва қофия назар нест, магар бубинад, ки чи гуна сухан хаёлангезу шуронанда мешавад». Боз: «Аммо мантиқӣ ба шеър аз он руй менигарад, ки хаёлро барангезад ва бишуронад. Ва мухайялу шурангез сухане аст, ки нафс ба он мутеъ шавад ва бе ҳеҷ гуна тааммулу андеша ва ихтиёр аз умуре шоду хурсанд шавад ва аз умуре дигар гирифта ва андӯҳгин гардад».[15] Бояд илова кард, ки ин масъала, яъне роли якумдараҷаи тахайюл дар шеър махсусан аз тарафи Хоҷа Насириддини Тусӣ такроран ва бисьёр равшан таъкид ёфтааст, ки ин ҷо эҳтиёҷ ба иқтибос ва тафсири гуфтаҳои у нест.[16]

Дар таърифи дигар, ки соҳиби он, ба қавли Хоҷа Насир, «мутаохирон», «ҷумҳур», «шуарои арабу аҷам» ва ба ифодаи И.Ю. Крачковский «назариячиёни адабиёт» мебошанд, дар марказ **вазну қофия** гузошта шудааст. Чунончи, Хоҷа Насир мегуяд: «Пас, шеър (...) дар урфи мутаохирон каломи мавзуни мукаффо».[17] Боз: «Пас, моддаи шеър сухан аст ва сураташ ба наздики мутаохирон вазну қофия». Боз: «Ва ҳадди шеър ба ҳасби урфи аҳли рузгор ба мавчиби ин таҳқиқ каломи мавзун бошаду бас».[18]

Қайд кардан ҷоиз аст, ки маҳдудияти таърифи суханшиносонро ҳануз Хоҷа Насир ва дар замони мо бошад, И.Ю. Крачковский нишон додаанд. Чунончи, Хоҷа Насир гуфтааст: “Пас, шеър дар урфи мантиқи каломи мухайял аст ва дар урфи мутаохирон каломи мавзуни муқаффо,

---

[14] Оид ба ин масъала аз ҷумла ниг.: Сатторов А. Восточные перипатетики о сущности поэзии, ее роли и основных элементах, с. 149-162; Боз: Логические и риторические аспекты теории поэзии у восточных перипатетиков, с. 322; Р. Мусульманкулов. ʻАтауллах-и Махмуд-и Хусайни и вопросы таджикско-персидской классической поэтики, с. 9-11; Боз: Литературно-эстетические взгляды Насириддина Туси. - Актуальные проблемы философской и и общественной мысли зарубежного Востока, с. 131-136; Болдырев А., Хади-заде Р. Поэтика Абуали Ибн Сина. - Труды Тбилисского ордена Трудового Красного Знамени государственного университета, 1983, № 241, с. 107.

[15] Ибни Сино. “Фанни шеър” аз китоби мантиқи “Шифо”. - Фанни шеър, с. 72-73.

[16] Оид ба ин масъала нигаред: Сатторов А. Восточные перипатетики о сущности позии, ее роли и основных элементах, с. 148-156; Мусулмонқулов Р. Насириддини Тусӣ ва ва назарияи шеър. - Садои Шарқ, 1982, №7, с. 121-126.

[17] Ин фикр, ҳатто ибораҳо ҳам дар “Асос-ул-иқтибос”, ҳам “Меъёр-ул-ашъор”, айнан омадаанд. - Ниг.: Фанни шеър, с. 151, 167.

[18] Насириддини Тусӣ. Аз китоби “Асос-ул-иқтибос”. - Фанни шеър, с. 151-152. Аз “Меъёр-ул-ашъор”. - Фанни шеър, с. 169.

чи ба ҳасби ин урф ҳар суханро, ки вазне ва қофияте бошад, хоҳ он сухан бурҳонӣ бошад ва хоҳ хитобӣ, хоҳ содиқ ва хоҳ козиб ва агар ҳама ба мисли тавҳиди холис, ё ҳазёноти маҳз бошад, онро шеър хонанд. Ва агар аз вазн ва қофия холӣ бувад ва агарчи мухайял бувад, онро шеър нахонанд».[19] Ин ҷиҳатро, яъне маҳдудияти таърифи мазкурро акад. И.Ю. Крачковский ҳатто таъна ҳам кардааст, ки ба фикри мо, ҳақ нест. Чунончи муаллифи номбурда навишта буд: "Аз тарафи дигар, барои худи шеър назарияи онҳо (филологҳо. - Р. М.) зарар овард: онҳо шеърро аз тариқи холис зоҳирӣ тафсир дода, онро ба шакли бемазмун - сухани мавзуни муқаффо табдил доданд; таназзули он (шеър - Р. М.) маҳз он гоҳ оғоз ёфт, ки эҳсоси бевосита, ки пештар боиси инкишофи барҷаста шуда буд, адо гашт, ҷои онро назария ишғол кард».[20] Вазъияти назариявии муҳити адабии тоҷику форс низ тақрибан мисли араб сурат дошт. Ҳамон навъе ки изҳор шуда буд,[21] равияи фалсафии таърифи шеър аз асри XIII, яъне баъд аз сари Насириддини Тусӣ торафт маҳдуд гардида, равияи хоси назариявии адабӣ, баръакс, мавқеи асосиро ишғол менамояд. Ҳамон навъе ки маълум аст, шеъри тоҷикии форсӣ дар давраҳои минбаъда таназзул накардааст, балки Ҳофизу Камол, Амир Хусраву Ҷомӣ, Сайидову Бедил барин худовандони шеър ба майдон омадаанд. Аз ин ру, сабаби инқирози шеъри арабро дар давраҳои минбаъдаи асримиёнагӣ на дар инкишофи назарияи филологҳо, балки дар ҷойҳои дигар, аз ҷумла дар мусоидати вазъияти сиёсиву таърихӣ ва иҷтимоӣ ҷустан авлотар мебошад.

Ба ин тариқ мувофики ақидаи файласуфҳо, тахайюл қонунияти зотии шеър буда, вазну қофия - хусусиятҳои иловагӣ ба шумор мераванд. Аз руи назарияи шеършиносон бошад, баръакс, хусусияти зотии шеърро маҳз вазну қофия ташкил медиҳанд, на тахайюл.

Сабаби тафовути мазкур дар тадқиқоти муаллифони муосир ба назар нарасид. Табиист, ки тафовути назарҳо бесабаб руй намедиҳад. Ба гумони мо, боиси ин ҳолат меъёри таърифҳо мебошад, яъне, файласуфҳо, ки доираи васеи назар доранд, ба шеър чун **як навъи санъат** нигоҳ кардаанд, ки барои он, мувофиқи таъбири имруза, **образ**

---

[19] Насириддини Тусӣ. Аз китоби "Асос-ул-иқтибос", с. 151-152.
[20] И.Ю. Крачковский. Поэзия по определению арабских критиков, с. 62.
[21] Р. Мусульманкулов. 'Атауллах-и Махмуд-и Хусайни и вопросы таджикско-персидской классической поэтики, с. 11-14.

ҳатмист ва образ (муҳокот) тавассути тахайюл сурат мегирад, аммо суханшиносон, ки касбашон суханшиносист, ба шеър чун ба **навъи сухан** назар андохтаанд, ки он аз навъи дигари сухан - наср, албатта, бо вазну қофияаш фарқ мекунад ва барои вай будану набудани тахайюл аҳамияте надорад. Дар ин сурат ин навъ «шеър» танҳо бори «назм»-ро мекашад, зеро суханшиносон миёни ду истилоҳи мазкур тафовут гузоштаанд, яъне «назм» суханест, ки низом дорад (ба туфайли вазну қофия) ва «шеър» суханест, ки образ дорад (тавассути тахайюл).

Бесабаб нест, ки Хоҷа Насир таърифи ҷомеи зеринро пешниҳод кардааст, ки аз он имкони фаҳмиши «назм» хориҷ мешавад ва он танҳо «шеър»-ро (чун як навъи санъат) фаро мегирад: «Ва муҳаққиқони мутаохирон, мегуяд у, ки тахминан худро дар назар дорад, шеърро ҳадде гуфтаанд ҷомеи ҳар ду маънӣ, бар ваҷҳи атамм ва он ин аст, ки гуянд: шеър каломест мухайял, муаллаф аз ақволе мавзуни мутасовии муқаффо».[22] Чун ба навъи сухан нигоҳ кардани назариётчиёни асрҳои миёна ба шеър аз гуфтаҳои худи онҳо низ ҳувайдост. Чунончи, Шамси Қайси Розӣ гуфтааст: «Бидон-к аруз мизони каломи манзум аст, ҳамчунон-к наҳв мизони каломи мансур аст».[23]

Университети давлатии
ба номи В. И. Ленини Тоҷикистон,
апрели соли 1985

[22] Насириддини Тусӣ. Аз китоби “Асос-ул-иқтибос”, с. 151-152.
[23] Шамси Қайси Розӣ. Ал-Муъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам. - Ба тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ, бо муқобалаи Мударриси Ризавӣ. - Теҳрон, с. 26.

Р. МУСУЛЬМАНКУЛОВ

# КРИТЕРИЙ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ПОЭЗИИ НА СРЕДНЕВЕКОВОМ ВОСТОКЕ

Существуют два направления в определении поэзии на средневековом Востоке: философско-эстетическое и чисто стиховедческое. Существенное отличие данных направлений заключается в том, что главным атрибутом поэзии считается в первом тахайюл, а во втором ритм и рифма. Причина расхождения, как мы предполагаем, в том, что философы определили поэзию как вид искусства, для которого образность – просто необходимость, а филологи определили ее как вид речи, которая отличается от прозы непременно ритмом и рифмой.